**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии №__**
**қарори шурои диссертатсионӣ**
**аз 13 июни соли 2026, №105**

**Дар бораи сазовор донистани Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**

Диссертатсияи Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ дар мавзуи «Пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ санаи 28-уми марти соли 2026, №93 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Унвонҷу Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ 11-уми марти соли 1984 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Мавсуф соли 2000 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров дохил шуда, онро соли 2005 хатм намудааст.

Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ фаъолияти меҳнатиашро аз соли 2004-2005 дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, ба ҳайси лаборанти кафедраи коргузории гумрук, соли 2009 лаборанти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминалистикаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, соли 2010-2012 ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминалистикаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, солҳои 2012-2013 мудири лабораторияи криминалистии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, соли 2014 лаборанти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, 2015-2019 ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон фаъолияти корӣ намудааст. Аз 23 сентябри соли 2019 то ҳол муаллими калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон фаъолият бурда истодааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ санаи 14 октябри соли 2024, тахти №313 аз ҷониби Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2025, № 2 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Искандаров Зайниддин Ҳамидович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**- Раҳмадҷонзода Рифат Раҳмадҷон** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм;

**- Салимов Баҳромҷон Азизович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини сардори Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон;

**Ба ҳайси муассисаи пешбар** – муассисаи таълимии байнидавлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи (Славянин) Россия ва Тоҷикистон» таъин шудааст.

Дар хулосаи муассисаи пешбар, ки аз ҷониби ташхисгар, Ҳамроев Ш.С. доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистакаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон (5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент и.в. мудири кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистакаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Назарзода Р.Ғ. ва котиби ҷаласа муаллими кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистакаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Желтова В.А. имзо ва аз ҷониби сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Исмоилова М.Н. дар санаи 22.05.2026 сол тасдиқ шудааст, иброз медорад, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Бояд қайд намуд, ки рисолаи илмӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои сатҳи баланди мантиқӣ мебошад. Дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ қонунгузории амалкунандаи мурофиаи ҷиноятӣ вобаста ба масъалаи мавриди назар таҳлили ҳамаҷониба гардидааст. Дар

натиҷаи таҳлил паҳлуҳои мусбати қонунгузории мазкур муайян ва ҳамзамон, баъзе камбудиву норасоиҳои он ошкор карда шуданд. Муаллиф дар асоси таҳлили анҷомдода пешниҳодҳои мушаххаси назариявиро таҳия намуд, ки барои бартараф намудани камбудиҳои муайянгардида ва такмили танзими ҳуқуқӣ равона шудаанд.

Аз ҷониби рисоланавис шарҳу маънидоди муаллифона оид ба муаммоҳои назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқот пешбарӣ гардида, дар асоси онҳо пешниҳодҳое коркард шудаанд, ки ба ҳалли вазифаҳои қайдгардида, ҳам дар сатҳи назариявӣ ва ҳам дар сатҳи амалӣ равона мешаванд. Унвонҷу доир ба таҳқиқоти диссертатсионӣ 17 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки аз ин шумора 6 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 11 мақолаи дигар дар нашрияҳои дигар ба нашр расидаанд.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Кабирзода, Г.Қ. Хусусиятҳои оғози парвандаи ҷиноятӣ бо айбдоркунии хусусӣ [Матн] / Г.Қ. Кабирзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2019. – №4 (44). – С.157-163. ISSN 2412-141Х.

[2-М]. Кабирзода, Г.Қ. Проблемы процессуально – правовых основ уголовного преследования [Текст] / Г.К. Кабирзода // Вестник юридических наук Ташкентского государственного университета. – 2021/2. – С. 136 – 144. Е – ISSN 2181 – 919Х.

[3-М]. Кабирзода, Г.Қ. Некоторые актуальные вопросы производства частного и частно – публичного обвинения в уголовном процессе Республики Таджикистан [Текст] / Г.К. Кабирзода // Международное уголовное право и международная юстиция. – 2021. – №5. – С. 17-19. ISSN 2070-1190.

[4-М]. Кабирзода, Г.Қ. Защита прав частного обвинителя в уголовном процессе (по материалам Республики Таджикистан) [Текст] / Г.К. Кабирзода // Вестник Московской академии Следственного комитета Российской Федерации и «Расследование преступлений: проблемы и пути их решения». Научный журнал – 2 (36) /2022. – С. 155-160. ISSN 2411-1627.

[5-М]. Кабирзода, Г.Қ. Масъалаҳои назариявӣ – ҳуқуқии оғоз намудани парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / Г.Қ. Кабирзода // Қонунгузорӣ. – 2024. – №2 (54). 167-173.

[6-М]. Кабирзода, Г.Қ., Искандаров З.Ҳ. Моҳият ва намудҳои айбдоркунӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / Г.К. Кабирзода, З.Ҳ. Искандаров // Қонунгузорӣ. – 2025. – №4 (60), (октябр-декабр) 427-432. (0,80 ҷ.ч.).

## II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:

[7-М]. Кабирзода, Г.Қ. Хусусиятҳои баррасии парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ дар суд [Матн] / Г.Қ. Кабирзода // Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «15-солагии Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъият ва дурнамо» бахшида ба 15 солагии қабули Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани «Соли маърифати ҳуқуқӣ». – (Душанбе, 3 декабри 2024) – Академияи ВКД ҶТ, 2024. – С. 236 - 239

[8-М]. Кабирзода, Г.Қ. «Вопросы уголовного судопроизводства домашнего насилия и защита прав потерпевших» [Матн] / Г.Қ. Кабирзода // Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии Академияи ВКД ҶТ дар мавзуи «Тафтишоти пешакӣ ва дурнамои инкишофи он». – (Душанбе, 07 апрели 2018) – Академияи ВКД ҶТ, 2018. – С.111 – 115.

[9-М]. Кабирзода, Г.Қ. Некоторые особенности уголовно – процессуальной ответственно по частному обвинению [Текст] / Г.К. Кабирзода // Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития: материалы VII международной научно-практической конференции, посвященной 25-летию Конституции Республики Таджикистан. – (Душанбе, 31 октября 2019). – Душанбе: РТСУ, 2019. – С. 111 – 112.

[10-М]. Кабирзода, Г.Қ. Баррасии парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Г.Қ. Кабирзода // VIII Международную научно-практическую конференцию «Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития». – (Душанбе, 30 октябри 2020). – Душанбе: РТСУ, 2020. – С. 288-291.

[11-М]. Кабирзода, Г.Қ. Ҳимояи ҳуқуқии айбдоркунандаи хусусӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / Г.Қ. Кабирзода // III-юмин конференсияи илмӣ – назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Таълим дар соҳаи ҳуқуқ инсон». – (Душанбе, 10 декабри 2020). – Душанбе: Академияи ВКД ҶТ 2020. – С. 155-157.

[12-М]. Кабирзода, Г.Қ. Тартиби баррасии парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ дар суд [Матн] / Г.Қ. Кабирзода // Конференсияи илмӣ - амалии апрелии ДДҲБСТ. – (Хуҷанд, 30 апрели 2021). – Хуҷанд: ДДҲБСТ, 2021. – С. 254- 258.

[13-М]. Кабирзода, Г.Қ. Амалӣ гардидани ҳимояи давлатӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / Г.Қ. Кабирзода // I-умин Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик. – (Душанбе, 29 апрели 2022). –Душанбе: Академияи ВКД ҶТ, 2022. – С. 153-156.

[14-М]. Кабирзода, Г.Қ. Таърихи мухтасари падидаи ҳуқуқии айбдоркунии хусусӣ [Текст] / Г.К. Кабирзода // Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития: X Международная научно-практическая конференция. – (Душанбе, 28 октября 2022). – Душанбе: РТСУ, 2022. – С. 304-307.

[15-М]. Кабирзода, Г.Қ. Рафъи маҳдудиятҳо дар пешбурди айбдоркунии хусусӣ баҳри ҳимояи ҳуқуқҳои айбдоркунандаи хусусӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / Г.Қ. Кабирзода // V-умин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ». – (Душанбе,10 декабри 2022). – Душанбе: Академияи ВКД ҶТ, 2022.– С.102-106.

[16-М]. Кабирзода, Г.Қ. Баррасии парвандаи айбдоркунии хусусӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / Г.Қ. Кабирзода // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ бахшида ба Рӯзи илми тоҷик дар мавзуи «Илми тоҷик: имрӯз ва фардои он». – (Хуҷанд, 25 апрели 2023). – Хуҷанд: РВКД ҶТ дар вилояти Суғд, 2023. – С.102-105.

[17-М]. Кабирзода, Г.Қ. Ҷараёни падидаи айбдоркунии хусусӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / Г.Қ. Кабирзода // Конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявии профессорону омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавон бахшида ба ифтихори ҷашни «35 – солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Соли маърифати ҳуқуқӣ ва Рӯзи илми тоҷик» (19 апрели 2024). – Хуҷанд: ДДҲБСТ, 2024. – С.150-153.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Тоҳирзода О.Т.** – сардори кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия;

**Акилов Ф.И.** – мудири кафедраи ҳуқуқшиносии МД “Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд”-и МД “ДБССТ”, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент;

**Рустамзода Ҷ.Ю.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Ҳамаи тақризҳо мусбат арзёбӣ гардида, дар онҳо баъзе эродҳо ва тавсияҳо оварда шудаанд:

1. Муаллиф таклиф менамояд, ки муқаррароти м. 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ду шакли айбдоркунӣ ҷудо ва бо номи дигар пешниҳод намудан ба маврид аст: «айбдоркунии хусусӣ ва айбдоркунии оммавӣ» (саҳ. 16 диссертатсия)

вобаста ба ин дар ҳимояи ошкорои диссертатсия диссертант онро шарҳ диҳад;

2. Муаллиф зикр менамояд, ки қабули ариза дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс; омода намудани варақаи омории шакли №1 ва ба Маркази иттилоотии ахборотӣ ирсол намудани нусхаи он; ба доираи салоҳияти суд дохил шуда, моҳиятан ба корҳои омодагирӣ ба муҳокимаи судӣ мансуб буда, мазмуни таъқиботи ҷиноятиро ифода намекунанд. Аз ин рӯ аз муаллиф пурсида мешавад, ки оид ба ин масъала зимни муҳокимаи ошкоро шарҳ дода шавад.
3. Таҳлили диссертатсионии муҳаққиқ нишон медиҳанд, ки дар диссертатсияи мазкур хусусият ва бартарияти айбдоркунии хусусӣ шарҳу эзоҳ дода шудааст мехостем онро аз лиҳози қиёси айбдоркуниҳо дар ҳимояи ошкоро бишнавем.

Бояд қайд намоем, ки тавсияҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд.

Бояд зикр намуд, ки муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар аз руйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ интихоб гардида, таҳқиқоти илмие, ки онҳо ба анҷом расонидаанд ба мавзуи таҳқиқотии муаллиф алоқамандии зич дорад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд:** таърифи мафҳумҳои айбдоркунӣ, намудҳои он, зиёд намудани теъдоди парвандаҳо вобаста ба айбдоркунии хусусӣ ва ду намуди айбдоркунӣ: хусусӣ ва оммавиро дар бар гирифтаанд;

– **пешниҳод шудааст:** теъдоди ҷиноятҳои айбдоркунии хусусӣ аз ҳисоби ҷиноятҳое, ки дар моддаҳои «қ. 1 м. 113, м. 114, м. 170, қ. 1 м. 246, қ. 1 м. 298 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Точикистон» пешбинӣ шудаанд, зиёд карда шуда, бо ваҷҳҳои асоснок ду намуди онро (айбдоркунии хусусӣ ва айбдоркунии оммавӣ)-ро ҷудо карда, айбдоркунии хусусӣ–умумиро аз КМҶ ҶТ хориҷ карда шавад;

– **исбот шудааст:** айбдоркунии хусусӣ бо муқарраротҳои махсусаш дастрасии ҳар шахсро ба адолати судӣ, ҳифзи судӣ, шаффофу одилона

баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ шароит муҳайё карда, он ҳамчун мурофиаи ҷодда ва хамчун инъикосгари воқеии амалишавии ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ муқаррар карда шудааст;

– **ҷорӣ намудан:** ба теъдоди ҷиноятҳои айбдоркунии хусусӣ аз ҳисоби ҷиноятҳое, ки дар қ. 1 м. 113, м. 114, м. 170, қ. 1 м. 246, қ. 1 м. 298 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, зиёд карда шавад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:**

Таҳлили ҳамаҷонибаи пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ, хусусӣ-умумӣ тибқи меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ватанӣ ва хориҷӣ ба муаллиф имконият додааст, ки таърифи мафҳумҳои айбдоркунӣ, намудҳои онро бо мазмуни наву ғанӣ пешниҳод намуда, дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ бо дарназардошти дигаргун гаштани муносибатҳои ҷамъиятӣ, арзишу принсипҳо ду намуди айбдоркунӣ: хусусӣ ва оммавиро пешниҳод намояд.

Илми мурофиаи ҷиноятӣ бо нуктаҳои нави назариявӣ ва бо пешниҳодҳои илмӣ ташаккул дода мешавад.

Ҳамин тариқ, бо назардошти ягона будани омилҳо ва хусусиятҳои айбдоркунии хусусӣ-умумӣ ва хусусӣ моддаҳои пешбинигардидаи айбдоркунии хусусӣ-умумӣ ба доираи айбдоркунии умумӣ ворид намудан ба маврид аст. Мисол, м.м. 115, 118, 119, 120, қ.қ. 1 ва 2 м. 123, 124, қ. 1 м. 125, қ. 1 м. 127, қ. 1 м. 128, қ. 1 м. 129 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба айбдоркунии хусусӣ-умумӣ мансуб дониста шудааст, бо дарназардошти ваҷҳҳои дар боло зикршуда ба қатори пешбурди парвандаҳои айбдоркунии оммавӣ шомил кардани онҳо ба мақсад мувофиқ аст.

Хулоса ва пешниҳодҳои овардашуда ба такмил ёфтани меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ мусоидат намуда, метавонанд пешбурди сифатан самаранокӣ парвандаҳои ҷиноятиро оид ба айбдоркунии хусусӣ таъмин намоянд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** таҳқиқоти илмӣ тавассути омӯзиши илмии мурофиаи ҷиноятӣ, истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, таҳлили қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, ки нуктаҳои назари илми муосирро оид ба пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ оварда шудааст. Натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо ва тавсияҳои амалии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешбинигардида дар асоси манбаи қонунгузорӣ ва амалияи судӣ анҷом дода шудаанд, самаранок истифода шудаанд.

– **баён шуд,** ки пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ на танҳо шакли махсуси мурофиаи ҷиноятӣ, балки воситаи муҳимми амалисозии ҳуқуқи шахс ба ҳимояи судӣ мебошад;

– **ошкор гардидани** норасоихо дар амалияи пешбурди парвандаҳои айбдоркунии ҳусусӣ норасоиву камбудиҳо ба назар мерасанд, ки коркарди роҳҳои ҳалли онҳо ба таҳқиқи амиқи илмӣ ниёз доранд.

– **омӯхта шуданд:** қонунгузории миллӣ, қонунгузориҳои ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ, қарорҳои дахлдори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи таҷрибаи судӣ, асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ, амалияи судиву тафтишотӣ, омори расмии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

– **аз нав такмил додани** меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ оид ба тартиби пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ба моддаи 24 КМҶ ҶТ вобаста ба «…хусусият ва дараҷаи вазнинии ҷинояти содиршуда айбдоркунӣ дар суд бо тартиби хусусӣ ва оммавӣ ба роҳ монда шавад».

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:** дар раванди таҳлили масъалаҳои марбут ба амалияи пешбурди таъқиби ҷиноятӣ барои бартараф намудани маҳдудиятҳо ва ҳалли масъалаҳои гуногуни ҳуқуқӣ дар пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ нақши муҳим дошта, ба амалишавии адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, дар такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳокимияти судӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода гарданд.

– **муайян карда шуданд**, ки натиҷаҳои бадастомада, ба чунин хулосаи асоснок омадан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ва қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ саҳми сазовор гузошта, дар баробари ин, баҳри бартараф намудани норасиҳои ҷойдоштаи амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ёрӣ расонад.

– **коркард карда шуд:** баҳри соҳибихтиёр будани ҷабрдида дар пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ба қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ зиёд намудани теъдоди ҷиноятҳо оид ба айбдоркунии хусусӣ ва баҳри такмили қонуни мурофиавии ҷиноятӣ тағйиру иловаҳои зерин асоснок ва пешниҳод карда мешаванд:

а) тибқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба «…хусусият ва дараҷаи вазнинии ҷинояти содиршуда айбдоркунӣ дар суд бо тартиби хусусӣ ва оммавӣ ба роҳ монда шавад»

б) аз Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми 3 м. 24 ихтисор шуда, парвандаҳои ҷиноятӣ ба истисноӣ дар қ. 2 м. 24 кодекси мазкур пешбинишуда, парвандаҳои дорои хусусияти оммавӣ дониста шавад.

в) ибораи «айбдоркунии хусусӣ-умумӣ»-ро аз меъёри м. 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ихтисор намуда, қисме аз теъдоди ҷиноятҳои вобаста ба онро ба айбдоркунии хусусӣ, қисми дигарро

ба айбдоркунии «оммавӣ» ҷудо намудан ба мақсади мурофиаи ҷиноятӣ мувофиқ дониста шудааст.

г) муқаррароти м. 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ду шакли айбдоркунӣ ҷудо ва бо номи дигар пешниҳод намудан ба маврид аст: «айбдоркунии хусусӣ ва айбдоркунии оммавӣ».

д) дар м. 354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррарот оид ба пайдарҳамии амалҳо ва барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо аз ҷониби судя дақиқ карда шавад, ки чун қоида, пеш аз қабулиоиода намудани қарор «дар бораи ба пешбурди суд қабул кардани аризаи айбдоркунии хусусӣ» вазифадор аст, ки аризаи айбдоркунии хусусӣ ва маводҳои пешниҳодшударо мавриди санҷиш қарор диҳад. Муҳлати санҷиши ариза бояд на кам аз 3 шабонарӯз дар доираи муҳлати пешбиникардаи қ. 2 м. 356 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шавад, ки мутобиқати татбиқи меъёрҳо бо шартҳои умумии муҳокимаи судӣ таъмин гардад.

е) қисми 3 м. 355 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мазмуни зерин «бо пешниҳод намудани дархосту талаби айбдоркунандаи хусусӣ ва судшаванда судя ба ҷамъоварии далелҳо мусоидат намояд» илова карда шавад.

– **муаррифӣ карда шуд:** мафҳуми айбдоркунӣ, айбдоркунии хусусӣ ва аломатҳои ҳуқуқии он инчунин дар моддаи 24 КМҶ ҶТ амалӣ шудани ду шакли айбдоркунӣ: «айбдоркунии хусусӣ ва айбдоркунии оммавӣ».

– **асоснок шудааст:** ки сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳбарӣ гирифта, бо дарназардошти тамоюли рӯ ба инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар асоси авлавияти манфиати шахс, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, асоснок кардааст, ки теъдоди ҷиноятҳои айбдоркунии хусусӣ аз ҳисоби ҷиноятҳое, ки дар моддаҳои «қ. 1 м. 113, м. 114, м. 170, қ. 1 м. 246, қ. 1 м. 298 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешбинӣ шудаанд, зиёд карда шуда, бо ваҷҳҳои асоснок (айбдоркунии хусусӣ ва айбдоркунии оммавӣ)-ро ҷудо карда, айбдоркунии хусусӣ–умумиро аз КМҶ ҶТ хориҷ карда шавад.

– **муайян шудаанд:** бо ваҷҳҳои асоснок (айбдоркунии хусусӣ ва айбдоркунии оммавӣ)-ро ҷудо карда, айбдоркунии хусусӣ–умумиро аз КМҶ ҶТ хориҷ карда шавад.

– **истифода шуданд:** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, омори Сармаркази таҳлилӣ-иттилоотии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Эҷодиёти бевоситаи ӯ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, таҳлили ақидаҳои муҳаққиқон,

коркарди мафҳумҳои мутобиқ ба қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хулосаҳо ва нуктаҳои илмии асоснок, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дида мешаванд. Ҳамчунин, масоили дар диссертатсия таҳқиқнардида саҳми шахсии муаллифро дарбар мегиранд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 13-июни соли 2026 қарор қабул карда шуд, ки ба Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд тасдиқ гардидааст 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктор аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 13 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор - 1.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзозода Қ.Х.**

**13 июни соли 2026**